# ЭЪЛОМИЯИ МЕРИДА
## оид ба нақши Ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон дар амалисозии рӯзномаи рушди устувор то соли 2030

1. Аз 8 то 10 октябри соли 2015 дар шаҳри Меридаи иёлоти Юкатани Мексика Дувоздаҳумин Конференсияи байналмилалии Кумитаи Байналмилалии Ҳамоҳангсози ниҳодҳои миллӣ оид ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон (минбаъд дар матн КБҲ) баргузор гардид. Онро Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи инсони Мексика (минбаъд дар матн CNDH) дар ҳамкорӣ бо Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон (РКОҲИ) ва КБҲ ташкил намуда буданд. Масъалаи «Ҳадафҳо дар соҳаи рушди устувор: нақши ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон» дар маркази таваҷҷуҳи конференсия қарор дошт.

Ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон (НМҲИ) барои сатҳи баланди ташкил ва меҳмоннавозии самимӣ ба CNDH арзи сипос намуданд. Онҳо ҳамчунин ба КБҲ, РКОҲИ ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) барои саҳмашон дар ташкили Конференсия миннатдорӣ баён намуданд. Иштирокчиён изҳороти ифтитоҳии президенти CNDH, литсенсиат Луис Раол Гонсалес Перес; Раиси КБҲ, адвокат Мабедле Лоуренс Мушван, сафир Мигел Руис Кабаняс Искиердо, муовини вазири корҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои гуногунҷанба ва ҳуқуқҳои инсон, литсенсиат Роберто Кампа Сифриан, муовини вазири корҳои дохилӣ оид ба ҳуқуқи инсон, литсенсиат Ролландо Сапата Белло, губернатори иёлоти Юкатанро муҳим арзёбӣ намуданд. Иштирокчиён ҳамчунин изҳороти Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, Раиси Шӯрои Ҳуқуқи Инсон ва ҳамоҳангсози доимии сохторҳои СММ дар Мексика, ки аз БРСММ намояндагӣ мекард ва дигар маърӯзачиёни асосиро истиқбол намуда, инчунин саҳми муассисаҳои СММ, мақомоти давлатӣ ва созмонҳои илмии ҷаҳонро барои иттилоотонии бештари муҳокимарониҳо муҳим арзёбӣ намуданд. Ҳамчунин ба мубоҳисаҳои интерактивӣ ва пурмаҳсул, ки таҷриба ва дурнамои муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсони ҳамаи минтақаҳоро инъикос менамуд, баҳои баланд дода шуд.

Дувоздаҳумин Конференсияи байналмилалӣ эъломияи зеринро қабул намуд:

2. Иштирокчиён ҷудонопазирии шаън, баробарӣ ва тақсимнашавии ҳуқуқҳои ҳамаи одамон, инчунин универсалӣ, ҷудонашавандагӣ, бо ҳам вобаста ва бо ҳам алоқаманд будани ҳамаи ҳуқуқҳои инсонро, мутобиқи Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Эъломияи Венагӣ ва Барномаи амали

қабулнамудаи Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсони соли 1993, хотиррасон намуданд.

3. Иштирокчиён хотиррасон намуданд, ки мутобиқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳуқуқҳои инсон, рушд, сулҳ ва амният пояҳои марказӣ, бо ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро пурракунандаи фаъолияти он мебошанд; тараққиёти дар чорчӯбаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ба даст омадаро эътироф намуда, иштирокчиён иброз намуданд, ки ин ҳадафҳо хусусияти ҳимояи ҳуқукро надоштанд ва натавонистанд ҳамаро фаро гиранд.

4. Иштирокчиён аз ҷониби давлатҳои – аъзои Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидани Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 (минбаъд дар матн - Рӯзнома), ки натиҷаи раванди глобалии бесобиқаи фарогир, ки миллионҳо тарафҳои ҳавасмандро ба муколамаи созанда ва машваратҳои ҳамаҷониба ҷалб намуд, истиқбол намуданд. Рӯзнома дар худ заминаро барои тағйирот, ки нисбати ҳамаи давлатҳо татбиқ мешавад ва ҷанбаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии рушдро бо мақсади барқарорсозии ҳамоҳангӣ бо табиат муттаҳид месозад, дар бар мегирад. Иштирокчиён аз ҳамаи давлатҳо даъват ба амал оварданд, ки онро иҷро намоянд.

5. Иштирокчиён махсусан аз он, ки Рӯзнома ба Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Инсон, инчунин шартномаҳо ва санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст ва дар он дигар санадҳо, ба монанди Эъломия дар бораи ҳуқуқ ба рушд таҷассуми худро ёфтааст, истиқбол намуданд. Иснодҳо ба ҳуқуқи инсон бо эътирофи он ки иҷрои онҳо бояд бо қоидаҳо ва уҳдадориҳои байналмилалии истифодашаванда мутобиқат ва ба амалисозии онҳо мусоидат кунад, ба Рӯзнома[1] ҳамроҳ карда шудаанд. 17 ҳадаф дар соҳаи рушди устувор (ҲРУ) ва 169 вазифаҳои онҳо бевосита ё бавосита стандартҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсонро[2] инъикос менамоянд ва принсипҳои мутақобилаи ҳуқуқи инсонро, ба монанди иштирок, ҳисоботдиҳандагӣ ва бетабъизӣ муттаҳид месозанд. Даъватҳои дар назди давлатҳои муайян истодаро эътироф намуда, иштирокчиён тасдиқ намуданд, ки дар ҳолати амалисозии мувофиқ, Рӯзнома ба амалишавии ҳуқуқи инсон аз ҷониби ҳама ва дар ҳарҷо таъсири назаррас мерасонад.

6. Рӯзнома хусусияти ҳамаҷониба дошта, вобаста ба як қатор масъалаҳои ба одамон ва сайёра алоқаманд, ҳадафҳои баландпарвозона

[1] Ниг. https://sustainabledevelopment.un.org/index.html
[2] Ниг. http://www.humanrights.dk/human-rights-guide-sdgs

мегузорад. Масалан, он ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асос ёфта, даъват мекунад, ки ба камбизоатӣ (Ҳадафи 1) ва гуруснагӣ (Ҳадафи 2) хотима дода шавад, дастрасӣ ба тандурустӣ (Ҳадафи 3), таҳсил (Ҳадафи 4), таъминоти об ва беҳдошт (Ҳадафи 6), инчунин шуғл ва кори шоиста (Ҳадафи 8) таъмин карда шавад. Ҳадафи 16 ба бунёди ҷомеаҳои сулҳҷӯй ва фарогир (инклюзивӣ), таъмини дастрасӣ ба адолат ва ниҳодҳои ҳисоботдиҳанда ва фарогир (инклюзивӣ) равона шуда, маҷмӯи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро таҷассум менамояд.

7. Иштирокчиён таъкид намуданд, ки решакан кардани камбизоатӣ ва нобаробарӣ, шаъни инсонӣ яке аз ҳадафҳои калидии Рӯзнома маҳсуб меёбанд ва уҳдадории ҳеҷ касро дар қафо нагузоштан ва фаро гирифтани онҳое, ки аз дар пешбудагон қафо мондаанд дар худ тааҳуд ба принсипҳои ҳимояи ҳуқуқи баробарӣ ва бетабъизиро нишон медиҳанд. Ин принсипҳо бо ҳадафҳои алоҳидаи кам кардани нобаробарӣ дар дохили давлатҳо ва байни онҳо (Ҳадафи 10) ва ноил шудан ба баробарии гендерӣ (Ҳадафи 5), инчунин бо истинодҳои мушаххас ба халқҳои таҳҷоӣ, шахсони имконияташон маҳдуд, кӯдакон, муҳоҷирон ва дигар ҳуқуқдорандагон, ки аз ҷумлаи онҳо наслҳои халқиятҳои баромадашон африқоии Шимол ва Ҷануби Амрико мебошанд, тақвият дода мешаванд. Иштирокчиён зарурати бартараф сохтани нобаробариро дар асоси сабабҳои манъкардашуда барои табъиз таъкид намуда, уҳдадориҳои дар Эъломияи Уммон ва Барномаи амали КБҲ барои соли 2012 дар бораи нақши ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон дар пешбурди баробарӣ дарҷгардидаро, тасдиқ намуданд.

8. Иштирокчиён тасдиқ намуданд, ки ҲРУ ба ҳамаи ҳуқуқдорон ва ҳама ҷо дахл дошта, дар онҳо бозигарони калидии мухталиф дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла занон ва духтарон, халқҳои таҳҷоӣ, шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, кӯдакон, ҷавонон, одамони кӯҳансол, фермерон, коргарон, инчунин парламент ва мақомоти ҳокимияти маҳалӣ, доираҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок мекунанд.

9. Иштирокчиён муҳим будани нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар мусоидат ҷиҳати амалисозии Рӯзнома қотеъона тасдиқ намуданд. Аз ин ҳисоб имконият барои ҳамкорӣ, шарикӣ ва фаъолияти мутақобила боз мешавад ва зарурати таъмини иштироки пурраи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мониторинг ва амалисозӣ таъкид мегардад.

10. Иштирокчиён ҳамчунин нақши муҳиме, ки доираҳои тиҷоратӣ метавонанд дар иҷрои Рӯзнома бозанд ва имкониятҳои барои шарикӣ

кушодашавандаро тасдиқ намуданд. Онҳо зарурати ҳамоҳангии амалисозӣ бо Принсипҳои роҳбарикунандаи СММ оид ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқи инсонро таъкид карданд ва бевосита зикр гардидани ин принсипҳоро дар санад истиқбол намуданд. Онҳо оид ба Эъломияи Эддинбургии КБҲ дар соли 2010 дар бораи нақши ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқи инсон хотиррасон намуда, муҳимияти фаъолияти доимии КБҲ ва НМҲИ-ро дар ин соҳа тасдиқ намуданд.

11. Абзорҳо ва механизмҳои ҳуқуқҳимоякунанда дар соҳаи ҳуқуқи инсон чорчӯбаҳои зарурииро барои амалисозии ҲРУ месозанд ва амалисозии ҲРУ дар навбати худ барои риояи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад. Ин аз имконияти истифодаи механизмҳои байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон, Расмиёти Махсус, Шарҳи универсалии даврӣ ва сохторҳои шартномавӣ, инчунин мақомоти назоратии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат барои арзёбӣ ва роҳнамоии амалисозии ҲРУ шаҳодат медиҳад. Иштирокчиён ҳамчунин зарурати баинобатгирии ҳуқуқҳои инсон ва тавсияҳои механизмҳои ҳуқуқи инсони байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллиро дар механизмҳои мониторинг ва шарҳи ҲРУ таъкид намуданд.

12. Хотиррасон намуданд, ки давлатҳо барандагони асосии уҳдадориҳо буда ба халқи худ ҳисоботдиҳанда мебошанд, иштирокчиён аз ҳамаи тарафҳои манфиатдор қотеъона даъват намуданд, ки дар тамоми марҳилаҳои банақшагирӣ, барномарезӣ ва амалисозӣ мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ва механизмҳои соҳаи ҳуқуқи инсон равиши ба ҳимояи ҳуқуқ равонашударо қабул намоянд. Равиши ба ҳимояи ҳуқуқ равонашуда бояд бартарии доимӣ дошта бошад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки ҳадафҳо ва усулҳо дар соҳаи рушд ба назар баҳсбарангез намоянд. Иштирокчиён ба зарурати таҳияи механизмҳои мониторинг ва шарҳи боэътимоди ҷамъиятӣ, бо иштироки васеъ асосёфта, васеъ дастрасбуда ва бо такя ба маълумотҳои дақиқ асосёфта, таъкид намуданд. Онҳо раванди таҳти сарпарастии Комиссияи омории СММ роҳандозишудаи таҳияи низоми нишондиҳандаҳо барои ченкунии пешрафт дар амалисозии Рӯзномаи навро эътироф ва аҳамияти муайян намудани нишондиҳандаҳои барои дастгирии уҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон равонашударо, ки дар ҳадафҳо ва вазифаҳои Рӯзнома инъикос ёфтаанд, таъкид карданд.

13. Вазифа 17.18 барои ба таври назаррас афзоиш додани дастрасӣ ба маълумотҳои тақсимшуда оид ба даромадҳо, ҷинс, синну сол, нажод, мансубияти этникӣ, вазъи муҳоҷират, маъюбият, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ,

ва дигар хусусиятҳои хос равона шудааст. Иштирокчиён ҷамъоварӣ ва паҳнкунии маълумотҳои бо асосҳои манъшудаи табъиз тақсимбандишударо, ки дар амалисозии ҳуқуқи инсон нақши муҳим мебозанд хотиррасон намуда, таҷриба ва иқтидори муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсонро дар ин соҳа таъкид намуданд. Онҳо кӯшишҳои оморчиёнро дар самти ташкили «инқилоби маълумотҳо» ва барқарор намудани муносибатҳои шарикӣ бо сарчашмаҳои нав ва истифодабарандагони маълумотҳо дар сатҳҳои глобалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ истиқбол намуданд. Ин метавонад ба тақсимоти маълумотҳо ва рушди низоми фарогир ва боэътимоди ҷамъоварии чунин маълумотҳо мусоидат кунад, ки боиси эҳтиром, ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқи инсон мегардад.

14. Иштирокчиён таъкид намуданд, ки Ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон аллакай масъалаҳои истисноии муҳими Рӯзномаро дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ ҳал намуда истодаанд. Таҳкими НМҲИ дар ҳама минтақаҳо, аз ҷумла мустақилияти техникӣ ва молиявии онҳо воситаи самараноки мусоидат ба амалисозии Рӯзнома мебошад. Ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон имконияти беназир доранд, ки байни тарафҳои алоқаманд нақши пайвандгарро бозанд ва барои раванди фарогири миллӣ, шаффоф ва бо иштироки васеъ асосёфтаи амалисозӣ ва мониторинг мусоидат кунанд. Иштирокчиён аз Ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон даъват намуданд, ки ба масъалаҳои ҳамаи шаклҳои истинной ва камбизоатӣ машғул шуда, ба ҳуқуқҳои инсонии занон ва духтарон ва баробарии гендерӣ бо ба инобатгирии онҳо дар фаъолияти худ таваҷҷуҳи афзалиятнок равона намоянд.

15. Иштирокчиён таъсиси Гурӯҳи кории КБҲ-ро оид ба Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 ба сифати василаи ҳамкорӣ байни ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон ва ибрози ақидаи НМҲИ дар сатҳи глобалӣ тасдиқ намуданд.

16. Онҳо ҳамчунин аз шабакаҳои минтақавии КБҲ ва ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсони алоҳида даъват ба амал оварданд, ки тибқи мандати худ дар асоси Принсипҳои Париж дар самти таҳкими якҷояи иқтидор ва табодули таҷриба ҳамкорӣ намоянд, инчунин функсияҳои амалиеро, ки онҳо метавонанд барои саҳмгузорӣ дар равиши ба ҳимояи ҳуқуқ равонашуда дар амалисозии Рӯзнома ба зимма худ гиранд, баррасӣ кунанд. Чунин функсия ва амалҳо, аз ҷумла фарогири:

(1) Баргузории семинарҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва рушди устувор дар ҳама минтақаҳои КБҲ дар ҳамкорӣ бо Гурӯҳи кории КБҲ оид ба Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор то соли 2030 ва таҳияи нақшаҳои амали

минтақавӣ, ки ҳамчунин эҳтиёҷоти НМҲИ-ро ба иқтидор муайян ва қонеъ месозанд. Ба раисони минтақавӣ тавсия дода мешавад, ки оид ба ин масъала дар ҷаласаи умумии КБҲ моҳи марти соли 2016 ва дар ҷаласаҳои минтақавӣ ва байналмилалии ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон ҳисобот диҳанд.

(2) Пешниҳоди тавсияҳо ба мақомоти миллӣ ва маҳалии ҳокимият, дорандагони ҳуқуқ ва дигар тарафҳо бо мақсади пешбурди равиши ба ҳимояи ҳуқуқ равонашуда ба амалисозӣ ва арзёбии Рӯзнома, аз ҷумла тавассути арзёбии таъсири қонунҳо, сиёсатҳо, барномаҳо, нақшаҳои миллии рушд, амалияи маъмурӣ ва буҷетҳо барои амалисозии ҳамаи ҳуқуқҳои инсон барои ҳама.

(3) Рушд ва таҳкими муносибатҳои шарикӣ барои амалисозӣ тавассути пешбарии равандҳои шаффоф ва фарогири иштирок ва машваратдиҳӣ бо дорандагони ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳама марҳилаҳои амалисозии Рӯзнома, ба монанди таҳияи стратегияҳои миллӣ ва фаромиллии расидан ба ҲРУ, аз ҷумла фаро гирифтани онҳое, ки хеле қафо мондаанд.

(4) Фаъолияти якҷоя бо барандагони уҳдадорӣ, дорандагони ҳуқуқ ва дигар субъектони калидӣ, аз ҷумла муассисаҳои ҳукуматӣ, парламентҳо, мақомоти судӣ, мақомоти маҳалии ҳокимият, раёсатҳои миллии омор, ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои асосӣ, гурӯҳҳои осебпазир, васоити ахбори умум ва шабакаҳои иҷтимоии машҳур, СММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ ва миллӣ барои баланд бардоштани маълумотнокӣ ва таҳкими боварӣ, инчунин мусоидат ба муколама ва кӯшишҳои мувофиқашуда бо мақсади таъмини равиши ба ҳимояи ҳуқуқ равонашуда барои амалисозӣ ва мониторинги Рӯзнома, инчунин бо мақсади ҳимояи фазо барои иштироки дорандагони ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ.

(5) Кӯмак намудан ҷиҳати таҳияи индикаторҳои миллии глобалӣ ва таъсиси низомҳои боэътимоди ҷамъоварии маълумотҳо барои таъмини ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи инсон ҳангоми андозагирии пешрафт дар амалисозии Рӯзнома, аз ҷумла тавассути ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо раёсати миллии омор, дар ҳолатҳои зарурӣ ва дигар ниҳодҳои миллии дахлдор, бо такя ба механизмҳои мавҷудаи байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон.

(6) Мониторинги пешрафт дар амалисозии Рӯзнома дар сатҳҳои маҳалӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ бо мақсади ошкор намудани нобаробарӣ ва табъиз дар ин самт, аз ҷумла тавассути равишҳои навова-

рона барои ҷамъоварии маълумотҳо ва муносибатҳои шарикӣ бо дорандагони ҳуқуқ, гурӯҳҳои осебпазир ва дар ҳолати ногувор қарордошта барои мониторинги муштарак ва фарогир, инчунин тавассути ошкор намудани монеаҳо, инчунин муайян намудани амалҳо барои тезондани раванд.

(7) Фаъолияти мутақобила бо ҳукуматҳо ва дар сурати пешрафти ночиз ё нобаробар дар амалисозии Рӯзнома ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо, аз ҷума бо назардошти муваффақиятҳо ва монеаҳо дар амалисозӣ, ки ҳангоми пешниҳоди маърӯзаҳо ба парламентҳо, ҷомеа ва механизмҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ба монанди Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон ва механизмҳои он, аз ҷумла Шарҳи Универсалии Даврӣ, Расмиёти махсус, мақомоти шартномавӣ, инчунин мақомоти назоратии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, комиссияҳои минтақавии СММ ва Форуми сиёсии сатҳи баланд, бояд ба инобат гирифта шаванд.

(8) Эътино, дархост ва тафтиш намудани аризаҳо оид ба вайроншавии ҳуқуқҳо дар заминаи тавсеа ва татбиқи ҲРУ, аз ҷумла нисбат ба табъиз ва нобаробарӣ, ки метавонанд боварии байни давлат ва халкро аз байн баранд.

(9) Осон намудани дастрасӣ ба адолат, ҷуброни зарар ва василаҳои ҳимояи ҳуқуқ барои онҳое, ки дар раванди рушд бо сӯиистифода ва вайроншавии ҳуқуқҳои худ дучор мегарданд, аз ҷумла тавассути қабул ва баррасии шикоятҳо, дар ҳолатҳое, ки агар ба зиммаи НМҲИ чунин функсияҳо вогузор шуда бошанд.

Конференсия ҳамчунин қарор намуд, ки КБҲ бояд:

(10) Ба ташвиқи иштироки мустақилонаи НМҲИ, ки ба Принсипҳои Париж мутобиқат мекунанд, сохторҳои ҳамоҳангсози байналмилалӣ ва минтақавии онҳо дар механизмҳо ва расмиёти дахлдори СММ, аз ҷумла дар раванди фаъолияти минбаъда ва шарҳи Рӯзнома, ба монанди Форуми сиёсии сатҳи баланд, тибқи даъвати Котиби Генералии СММ[3] идома диҳанд.

(11) Таҳкими иқтидор, табодули таҷриба ва амалияи пешрафта, инчунин идоракунии донишҳоро бо ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон ва байни онҳо вобаста ба Рӯзнома дастгирӣ намоянд ва манбаъҳоро ба ин мақсад равона намоянд. Дар ин кор ба шарикии сеҷонибаи стратегии байни БРССМ, РКОҲИ ва КБҲ барои расонидани кӯмак ба муассисаҳои

[3] Ниг.А/70/347

миллии ҳуқуқи инсон, шабакаҳои минтақавӣ ва КБҲ такя намоянд.

**Дар шаҳри Меридаи иёлоти Юкатан 10 октябри соли 2015 қабул шудааст.**